Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии «В», ошёнаи 3, толори №305)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзӯи "Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ" барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит

Дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ, рақамикунонии равандҳои хоҷагидорӣ ва афзоиши талабот ба шаффофият ва эътимоднокии иттилооти молиявӣ масъалаи такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи идоракунӣ аҳаммияти хоссаи назариявию амалӣ касб менамояд. Самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба сифати иттилооти муҳосибӣ, саривақтӣ ва саҳеҳии ташаккули он, инчунин ба имкониятҳои истифодаи маълумоти баҳисобгирӣ дар раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, такмили нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии ташкилии низоми баҳисобгирӣ ва заминаи ташаккули иттилооти зарурӣ барои идоракунии самараноки фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аҳаммияти муҳим дорад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо зарурати мутобиқ намудани нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ба талаботи муосири идоракунӣ алоқаманд мебошад. Нақшаи ҳисобҳо бояд на танҳо баҳисобгирии амалиёти хоҷагидорӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявиро таъмин намояд, балки эҳтиёҷоти иттилоотии роҳбариятро низ қонеъ гардонад. Аз ин рӯ, такмили сохтор ва принсипҳои гурӯҳбандии ҳисобҳо, таҳкими робитаи баҳисобгирии молиявию идоракунӣ ва баланд бардоштани имкониятҳои таҳлилии онҳо барои беҳтар намудани сифати иттилоот, самаранокии истифодаи захираҳо ва асоснокии қарорҳои идоракунӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Ҳалимов П.А. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас ва мантиқан пайдарпай муайян гардидаанд. Муаллиф дараҷаи омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқро дар асоси таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ арзёбӣ намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва сохтори нақшаи ҳисобҳои муҳосибиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар таҳия ва асоснок намудани равишҳои назариявию методӣ оид ба такмили нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ бо дарназардошти талаботи низоми идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи иттилооти муҳосибӣ дар раванди идоракунии фаъолияти иқтисодию молиявии субъектҳои хоҷагидор ифода меёбад, дар бар мегирад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия дар ҷадвали 1 се таснифи асосии сохтори нақшаи ҳисобҳоро омода намудааст (с.10-11). Афзалияти ҷадвали мазкур дар он ифода меёбад, ки самтҳои асосии таснифоти нақшаи ҳисобҳои муҳосибиро муайян намуда, имконияти истифодаи самараноки иттилооти муҳосибиро барои назорати буҷет, таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ фароҳам меорад.

Муаллиф нақшаи ҳисобҳоро ҳамчун яке аз унсурҳои калидии ташаккули заминаи иттилоотӣ барои пешбурди баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ арзёбӣ намуда, аҳаммияти онро дар низоми иттилоотии идоракунии корхона асоснок менамояд. Дар ин замина, унвонҷӯ дар (расми 4 саҳ.16) таснифоти ҳисобҳои муҳосибиро аз рӯйи таъиноти функсионалӣ ва хусусиятҳои сохтории онҳо таҳия ва пешниҳод кардааст.

Муаллиф дар автореферат бо такя ба омӯзиши сохтори баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, ки аз ҷониби олимони рус пешниҳод гардидааст, назарияи муосири нақшаи ҳисобҳоро барои корхонаҳои ватанӣ таҳия ва пешниҳод намудааст (саҳ. 22). Ин равиш барои мутобиқ намудани таҷрибаи назариявии мавҷуда ба хусусиятҳои низоми баҳисобгирии ватанӣ ва такмили асосҳои методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Дар автореферат масъалаи татбиқи модели низомҳои нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҷузъҳои таркибии модели мазкурро ба таври муфассал тавсиф намудааст (ҷадвали 8, саҳ. 24). Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳар як модели нақшаи ҳисобҳо дорои хусусиятҳои хоси сохторӣ буда, маҷмӯи масъалаҳои мушаххас ва робитаҳои мутақобилаи байни унсурҳои низоми баҳисобгириро фаро мегирад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки риояи талаботи таснифоти суратҳисобҳо ва ташкили самараноки амалиётҳои баҳисобгирӣ ба баланд бардоштани саҳеҳии маълумоти муҳосибӣ, истифодаи оқилонаи дороиҳо ва таҳкими назорати дохилии корхона мусоидат мекунад(саҳ.28). Ҳамзамон, ба андешаи мо, барои тақвияти асоснокии илмии масъала зарур аст, ки хусусиятҳои истифодаи суратҳисобҳои зикршуда бо назардошти таъиноти иқтисодӣ ва талаботи санадҳои меъёрии баҳисобгирӣ муфассалтар шарҳ дода шаванд.

Тавре, ки муаллиф дар мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Ҳалимов П.А. имкон доданд, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии таҳқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст оварад.

Умуман, унвончӯ таҳқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад. Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳимми навгониҳоди дар автореферат овардашуда, аз ҷониби мо ба таври тавсия пешниҳод мегардад, ки ба назар гирифтани он метавонад аҳаммияти илмӣ ва амалии корро афзун кунад:

1. Асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст.
2. Аз тарафи муаллиф як қатор тавсияҳои илмию методӣ оиди амалии натиҷаҳо пешниҳод гардидааст, аммо самаранокии иқтисодии онҳо дар автореферат ба таври пурра муайян карда нашудааст.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ гаштани доираи таҳқиқот оварда шуд, зеро онҳо ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд ва бояд қайд намуд, ки ин камбудҳо ба мазмуни асосии диссертатсия монеа шуда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намоям, ки автореферати диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзӯи “Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, №591) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақризиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ
дотсенти кафедраи кори бонкии
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” **Ҳасанова Н.Ҷ.**

Имзои н.и.и., дотсент Ҳасанова Н.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров **и.в.Наврӯззода Э.М.**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 775-11-11

30 10 2026